# ТАҚРИЗИ РОҲБАРИ ИЛМӢ

**ба кори диссертатсионии Абдулхайров Фахриддин Маҳмадшоевич дар мавзуи "Ҷанбаҳои назариявию амалии баландбардории сифати идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ" (дар асоси маводҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон) барои дарёфти дараҷаи илмии доктор фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва карз).**

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва ноустувории молиявӣ яке аз масъалаи муҳими рушди иқтисодиёти миллӣ ин таъмини устувории фаъолияти низоми бонкӣ кишвар, алалхусус бонкҳои тиҷоратӣ мебошад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки омили муҳими таъмини устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити ноустувории молиявии умумиҷаҳонӣ ин татбиқи принсипҳои идоракунии корпоративӣ дар фаъолиятӣ онҳо мебошад. Аз ин лиҳоз, мавзуи рисолаи Абдулхайров Ф.М., ба ақидаи мо, мавзуи мубрам мебошад. Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, инчунин нақши он тибқи талаботҳои амалкунанда дуруст муайян гардида имкон медиҳад, ки мавзуи интихобшуда ҳамаҷониба мавриди таҳлил қарор гирад.

Таҳқиқот оид ба омӯзиши пурраи мавзуи диссертатсияи Абдулхайров Ф.М. соли 2017 дар кафедраи молияи Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ҳозира Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон) оғоз гардидааст.

Абдулхайров Ф.М. соли 2013 Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ҳозира Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон) аз рӯйи ихтисоси фаъолияти бонкӣ хатм намуда, соли 2013 ба зинаи магистратураи шуъбаи омодакунии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси молия дохил шуда донишкадаи мазкурро соли 2015 хатм намудаст. Абдулхайров Ф.М. аз соли 2016 ба ҳайси докторант (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) ба кафедраи молияи Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ҳозира Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон) таҳсилро оғоз намуда, онро соли 2020 хатм кардааст.

Абдулхайров Ф.М. фаъолияти корияшро солҳои 2014-2015 дар ФҶСК "Бонки Эсхата" шаҳри Душанбе ба ҳайси таҳлилгар, коршиноси қарзӣ оғоз намудааст. Аз моҳи сентябри 2015 то соли 2019 ба ҳайси ассистенти кафедраи молияи Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ҳозира Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон) фаъолият намудааст.

Номбурда аз соли 2020 то ҳол ба ҳайси ассистент дар кафедраи аудит ва ревизияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон фаъолият намуда истодааст.

Бояд қайд кард, ки дар раванди навиштани кор муаллиф аз манбаҳои васеи илмӣ ва оморӣ доир ба мавзуъ истифода бурдааст, ки ин аз иқтибосҳои дар кор оварда шуда тасдиқ мегардад. Натиҷаҳои таҳқиқотро дар нуқтаҳои зерин мушоҳида кардан мумкин аст:

1. Дар асоси таҳлили ҳамаҷониба маводҳои ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ ва Бонки миллии Тоҷикистон, инчунин асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ моҳияти идоракунии корпоративӣ ва хусусияти он дар бонкҳои тиҷоратӣ муайян карда мешавад.

2. Тҳлили муқоисавӣ байни мафҳумҳои «идоракунии корпоративӣ» ва «менеҷменти корхона» гузаронида шуда, фарқият ва алоқамандии онҳо ҳамчун идоракунии стратегӣ ва тактикӣ-фаврӣ асоснок карда шудааст.

3. Пайдоиш ва раванди татбиқи идоракунии корпоративӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, алалхусус дар бонкҳои тиҷоратӣ ҳамаҷониба таҳлил карда шуда, муаммоҳо ва роҳҳои такмили он асоснок карда мешавад.

4. Таъсири идоракунии корпоративӣ ба самараноки фаъолияти бонкҳои тиҷоратии бонкҳои ҷумҳурӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Дар ин ҷода муаллиф фарзияи вобастагии сифати идоракунии корпоративӣ ва самаранокии фаъолияти бонкҳои тиҷоратиро дар асоси маводҳои бонкҳои тиҷоратии кишвар исбот мекунад.

5. Дар рисола таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ оид ба истифодабарии принсипҳои идоракунии корпоративӣ таҳлил карда шуда, имконияти истифодабарии он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мегардад.

6. Докторант дар рисолаи худ ба масъалаҳои такмили идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратии ҷумҳурӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ таваҷҷӯи хоса дода, таъсири мусбати иқтисодиёти рақамиро ба фаъолияти бонкҳо мавриди таҳқиқот қарор додааст.

Бояд қайд кард, ки дар раванди навиштани диссертатсия докторант худро ҳамчун корманди хуби илмӣ нишон дод ва бевосита бо бонкҳои тиҷоратӣ ҳамкориро ба роҳ монд ва дар натиҷа бисёр маводҳои аввалияро ба гардиши илм ворид намуд.

Докторант ҳангоми иҷрои кори илмии худ дараҷаи баланди мустақилиятро дар омӯзиш, ҷамъоварӣ, интихоб ва таҳқиқи асарҳои муҳаққиқоне, ки доир ба ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии моҳияти идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ корҳои илмӣ бурдаанд, нишон дод. Ӯ дар таҳқиқоти худ натиҷаҳои илмии бадастовардаашро ҳамаҷониба таҳлил намуда, шарҳ додааст.

Рисолаи диссертатсионии анҷомдодаи Абдулхайров Ф.М. дорои сохтор ва мантиқи хос буда, аз муқаддима, се боб, нуҳ зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

**Дар муқаддимаи таҳқиқоти диссертатсионӣ** мубрамию аҳаммияти дараҷаи таҳқиқ, мақсаду вазифаҳо, объект, мавзуи таҳқиқ, фарзияи таҳқиқот, навгонӣ ва нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда мушаххас баён гардида, саҳми муаллиф дар бадастории натиҷаҳои таҳқиқот вобаста ба хулосаву пешниҳодҳои амиқ санҷидашуда баён гардидаанд.

**Дар боби якуми диссертатсия – "Асосҳои назариявии идоракунии корпоративӣ ва хусусиятҳои он дар низоми бонкдорӣ"** асосҳои назариявии идоракунии корпоративӣ омӯхта шуда, моҳият ва хусусиятҳои он дар шароити муосир таҳқиқ гардидаанд, принсипҳо ва амсилаҳои заминавии идоракунии корпоративӣ таҳлил ва баррасӣ гардида, вижагиҳои идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ муайян ва ошкор карда шудаанд.

**Дар боби дуюми диссертатсия – "Таҳлилу арзёбии сифати идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон"** сатҳи татбиқи идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил гардида, масъалаҳои методии баҳодиҳии сифати идоракунии корпоративӣ дар онҳо дида баромада шуда, равандҳои рақамикунонии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ арзёбӣ карда шудаанд.

**Дар боби сеюми диссертатсия – "Самтҳои асосии такмили идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон"** самтҳои асосии такмили механизми идоракунии корпоративии бонкҳо дар шароити бесуботии молиявии ҷаҳонӣ таҳия гардида, омилҳои ниҳодии таъмини сифати идоракунии корпоративии бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудаанд ва ҷиҳатҳои алоҳидаи таҷрибаи байналмилалӣ оид ба такмили идоракунии корпоративӣ, ки дар шароити бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти роҳандозӣ доранд, ошкор гардидаанд.

**Дар хулоса ва пешниҳоди диссертатсия** бошад, андешаҳои илман асосноккардашуда ва тавсияҳои амалии муаллиф ҷиҳати

баландбардории сифати идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос гардидаанд.

Дар маҷмуъ, ҷиҳатҳои мусбии рисолаи Абдулхайров Ф.М. дар мавзуи "Ҷанбаҳои назариявию амалии баландбардории сифати идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ (дар асоси маводҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон)" имконият медиҳанд, ки онро ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз руи ихтисоси 6D050900 - Молия (6D050901 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) пешниход намоем.

**Роҳбари илмӣ:**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, профессори**
**кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии**
**молия ва иқтисоди Тоҷикистон** **Бегматов А.А.**

Имзои н.и.и., профессор А.А. Бегматовро тасдиқ мекунам.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДДМИТ** **Мирҷамолов М.А.**

"29" 06 с.2024